Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://istilohot.tj)

# Кумитаи забон ва истилоҳот фаъолияти «Ҳамсадо», «Суғдсинамо» ва «Суҳайл синамо»-ро мавриди санҷиш қарор медиҳад

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 July, 2017 - 12:30

Соли 2017 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалии «Ҳамсадо», «Суғдсинамо»-и ба номи Комил Ёрматов, «Тоҷик диёр», «Санои синема», «Истиқлол», «Нурангез», «Адам», «Суҳайл синамо», «Амирӣ-медиа», «Фаридун», «Муҳаммад», «Суғдивидео», «Абдулло-медиа» ва «Дарвозфилм»

дар соли 2017 мавриди санҷиш қарор медиҳад.
Дар ин бора Гавҳар Шарофзода, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар нишасти матбуотӣ хабар дод.
Гавҳар Шарофзода ҳамчунин зикр кард, ки дар ин давра аз ҷониби мақомоти судӣ барои риоя нагардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо моддаи 89 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 59 адад парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ карда шуда, ба андозаи 45 660 сомонӣ ҷарима таъйин гардид. Аз ин маблағҳо 37 060 сомонӣ ба фоидаи давлат рӯёнида шудааст.
Илова бар ин, забони рӯзномаҳои даврӣ ва риояи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» низ аз ҷониби кормандони Кумита мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷаи он ба мақомоти дахлдор хулоса пешниҳод хоҳад шуд.

ДУШАНБЕ, 30.01.2017 /АМИТ «Ховар»/.

**Content rating:** 5

Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- АМИТ «Ховар» [1]
- Ахбори рӯз [2]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/129

**Links**
[1] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/12 [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10